«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. ______
«_13_» ____05____ 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Ҷумла воҳиди забониест, ки ифодакунандаи муташаккили вожаҳо буда, тавассути маъно ва оҳанг ифода мегардад. Ҳамаи забонҳо, дар умум, дар низоми муайяни калимаҳои маънодор ифода гашта, дар онҳо мавқеи асосиро ҷумла ишғол менамояд ва ҷумла бошад, ифодагари фикр аст. Нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа оид ба ҷумла гуногун арзёбӣ гашта, яке мухолифи дигарест. Дар бораи ҷумла ва хусусиятҳои грамматикии он олимон-забоншиносони хориҷию ватанӣ ба монанди А.А. Шахматов, А.А. Реформатский, В.В. Бабайтсев, В.Д. Аракин, А.Б. Шапиро, Ҳ.Маҷидов, Б. Камолиддинов, Ф.Қ. Зикриёев ва дигарон ақидаҳои ҷолиб баён намуда бошанд ҳам, масъалаи мазкур то ҳол ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро дарёфт накардааст ва таҳқиқотҳои зиёди илмӣ рӯйи кор омада истодаанд.

Ҳар як ҷумла дар низоми наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеи густурдаеро ба худ касб намуда, роҳу усули таҳқиқу таҳлили хосаеро соҳиб аст.

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, се зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, сарчашма ва маводи таҳқиқ, объект, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

**Аҳаммияти омӯзишии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки забони тоҷикӣ ба қатори забонҳои бойтарини дунё дохил шуда, ҳамчун

забони як миллати дорои таърихи куҳан ва осори хаттии бемисл дар зинаи имрӯзаи инкишофу тараққии худ бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар дар ҳамаи соҳаи ҳаёти ҷомеа фаъолияти густурда дорад. Таърихи инкишофи шакли хаттии он дар забони адабӣ, ба таърихи халқи тоҷик, ба ҳаёти ҷамъиятиву мадании вай, ба характери муносибатҳои ҷамъиятӣ дар гузашта ва ҳозира алоқамандии зич дорад.

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо таълифи китобҳои дарсӣ баробар шурӯъ гардида, то солҳои 60-уми асри XX, асосан, аз рӯйи меъёри анъанавӣ – ҷумлаҳои пайрав қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода омӯхта мешуд. Яке аз ин масъалаҳо дар таҳқиқи грамматика, ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайрав мебошад, ки то имрӯз мавриди пажӯҳиши муқоисавии амиқ қарор нагирифтааст. Масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар сохтори наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик яке аз хелҳои серистеъмолтарини ҷумлаҳои мураккаб буда, ҳам дар нуқти хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ ба таври фаровон мавриди истеъмол қарор дорад.

Маводи фаровони мавҷудбуда, собит месозад, ки дар наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик навъи ҷумлаҳои пайраве низ дида мешавад, ки ё тамоман омӯхта нашудаанд ва ё оид ба онҳо ғайр аз маълумоти мухтасаре дар китобҳои дарсӣ ва мақолаю қайдҳои ҷудогона таҳқиқи алоҳидаи илмӣ анҷом дода нашудааст.

Таҳқиқи пурраи роҳу омилҳо, тобишу воситаҳои чумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаҳои мураккаб дар системаи грамматикии забон ҷойи асосиро ишғол менамояд, чунки онҳо воҳиди забониеро фаро мегиранд, ки барои баёни маълумот, таъмини муоширaт ва муносибати одамон хизмат мекунад. Гурӯҳбандии маъноӣ ва муқоисавии онҳо бо забонҳои гуногунсохтор аз нигоҳи тартиб, сермаъноӣ (полисемия) ва муносибати забонӣ шароит фароҳам меорад, ки ҳамин гуна як низом дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ ҷорӣ гардад ва бозбинӣ аз мавзуи мазкур аз ҳамин хотир зарур дониста шудаст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** ба муайян намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва забони англисӣ, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда, ҳамчунин, нишон додани таҳлили муқоисавии сохтори ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар доираи ин забонҳо равона гардидааст. Вобаста ба ин, **вазифаҳои** таҳқиқро ба таври зерин метавон бозгӯ намуд:

1. Баррасии вижагиҳои сохтории ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои қиёсшаванда;

2. Гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда;

3.Таъйин намудани ҷой ва мақоми ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда;

4. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва аниқ намудани муносибати забонии онҳо дар забонҳои қиёсшаванда;

5. Нишон додани воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби забонҳои қиёсшаванда.

**Навгонии таҳқиқот.** Зарурияти интихоби мавзуъ аз навгониҳои таҳқиқот маҳсуб меёбад, чунки таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо таълифи китобҳои дарсӣ баробар шурӯъ гардида, то солҳои 60-уми асри XX, асосан, аз рӯйи меъёри анъанавӣ – ҷумлаҳои пайрав қиёсан ба аъзои ҷумлаи сода, омӯхта мешуд.

Грамматикаи забон масъалаҳои мухталифро дар бар мегирад. Яке аз ин масъалаҳо дар забоншиносии тоҷик, яъне таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо дигар забонҳо то имрӯз мавриди пажӯҳиши аниқ қарор нагирифтааст. Замони муосир давраи инкишофи босуръати зуҳуроту такомули бахшҳои алоҳидаи илм ва соҳаҳои мухталифи техника аст. Аз ин лиҳоз, дар назди забониносони тоҷик вазифаҳои хеле муҳим, таҳким ва такмил бахшидан ба сохту низоми грамматикаи забони тоҷикӣ ва қиёс бо дигар забонҳо меистад. Масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар сохтори наҳвии забони адабии ҳозираи тоҷик яке аз хелҳои серистеъмолтарини ҷумлаҳои мураккаб буда, ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ ба таври фаровон истифода мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик дар мисоли осори С.Айнӣ аз нуқтаи назари қиёсӣ, таҳлили сохторӣ, маъноиву грамматикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ, ҳамчунин, дар ҷамъоварии маводи таҳқиқӣ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърӯзаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Пажӯҳиши илмии мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф ба ҳисоб рафта, дар шакли диссертатсияи илмӣ мукаммал ба анҷом расидааст.

Боби якум – “Заминаҳои назариявӣ ва омӯзиши ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Мундариҷаи фаслҳои боби мазкурро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил карда, дараҷаи корбурди онҳо дар осори насрии устод С. Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз панҷ фасл ва се зерфасл иборат аст. Фаслҳои якум ва дуюм «Асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, муҳаққиқ оид ба ҷумлаҳои мураккаб ва хусусияти онҳо дар доираи ду забон сухан гуфтааст. Ба андешаи муаллиф: «Ҷумлаҳои сода ва мураккаб ду воҳиди муҳимтарини иртиботии (коммуникативӣ) забонанд, ки ҳам

ҷиҳатҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳое доранд, то онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд. Ҷиҳати муҳимтарини умумӣ ин аст, ки дар ҷумлаҳои мураккаб низ ҷузъҳо бо ҳамдигар алоқаманд шуда, ягонагии маъно, муносибати наҳвӣ ва оҳангӣ ба вуҷуд меоранд» (саҳ.23). Ба қавли муҳаққиқ дар забони тоҷикӣ, дар ҷумлаҳои сода алоқаи тобеии аъзои ҷумла (изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мувофиқат) ба воситаи бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд, тартиби калима, бандакҳои феълию хабарӣ ифода ёбад, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаи пайрав бо хабари сарҷумла ва тартиби ҷой гирифтани ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода меёбад (Ҳамон ҷо).

Дар фасли мазкур таваҷҷуҳи асосӣ дар ифодаи муносибатҳои маъноӣ байни аъзои ҷумлаи сода ва навъҳои ҷумлаҳои пайрав, инчунин, дар воҳидҳои гуногуни наҳвӣ муносибати муштараки маъноиро ифода кардани пешоянду пайвандакҳои таркибӣ дода шудааст.

Дар фасли сеюми диссертатсия «Таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда аз нигоҳи сохт» ва зерфаслҳои он муаллиф назари хешро роҷеъ ба таснифоти ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар доираи забонҳои таҳқиқшаванда баён кардааст (саҳ.41-52).

Дар фасли чоруми боби як таҳти унвони «Мавқеи ҷумлаи пайрави муайянкунандаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ташаккулёбии ҷумлаи пайрави муайянкунандаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои мавриди назар тавассути мисолҳои мушаххас таҳлил гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Вижагиҳои фарқкунандаи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва англисӣ», ки аз чор фасл таркиб ёфтааст, масъалаҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур масъалаи вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикиву анлисӣ марвиди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷумлаҳои сода баробарҳуқуқ буда, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ як ҷумлаи сода ба ҷумлаи содаи дигар тобеъ аст. Ҷумлаи тобеъкунанда сарҷумла буда, ҷумлаи тобеъшаванда, ҷумлаи пайрав мебошад, ки сарҷумларо аз ягон ҷиҳат: тарзи иҷрои амал, замону макон, сабабу мақсад ва ғайра шарҳу эзоҳ медиҳад (саҳ. 83). Ҳамзамон, муаллиф дар ин фасл хусусиятҳои

умумии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаро дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст.

Зерфасли дуюми боби мазкур ба омӯзишу таҳлили масъалаи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар забоншиносии муосир таҳлилҳо оид ба мушкилоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бебаҳс набуда, як қатор ҷанбаҳое доранд, ки таҳқиқоти бунёдиро талаб менамоянд. Бо назардошти нуқтаи назари олимон таҳлили баъзе тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда тасниф дар фасли боби мазкур таҳлил гардидаанд.

Дар фаслу зерфаслҳои дигари боби дуюм масъалаҳои хусусиятҳои дигари ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар таркиби дигар аъзои ҷумла барои эзоҳи сарҷумла нишон дода шудаанд.

Боби сеюм бо унвони “Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузорӣ шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфта, гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ва ҳамгунаҳои онҳо дар забони англисӣ таҳлил мегардад.

Дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур масъалаҳои муносибати маъноиву грамматикии сарҷумлаву ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ва муодили онҳо дар забони англисӣ, ҷойи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои сертаркиби забони тоҷикӣ ва муодили онҳо дар забони англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳо ва натиҷагириҳои мушаххаси муҳаққиқ ба охир расидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли ҳудро ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти ҳудро ҷамъбаст намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онро нишон додааст.

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи усули иқтибос, таҳияи бобу фасл ва хулоса тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чоп шудаанд, муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, таърихи забони тоҷикӣ, наҳв, ҳамчунин, дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим ва семинарҳои

махсуси забон барои сӯҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид фароҳам меорад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва автореферат аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Боби 1 ва фаслҳои 1.2., 1.1.-и диссертатсияи номзадӣ ба масоили асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикию англисӣ бахшида шудааст. Хубтар мешуд, ки муҳаққиқ ин хусусиятҳоро дар заминаи нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа баррасӣ менамуд, чунки дар умум қисмати аввали диссертатсия хусусияти назариявӣ дорад ва дар он иқтибоси илмӣ ба назар намерасад;

2.Боби 2 ва фасли 2.1.-и диссертатсия ба масъалаи вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забонҳои мавриди назар бахшида шуда бошанд ҳам, дар онҳо иқтибосҳои илмӣ кам ба назар мерасанд;

3. Таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда каме нодуруст ба роҳ монда шудааст, чунки дар диссертатсия сухан дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда меравад ва хуб мешуд, ки масъалаи мазкур низ ба ин масъала алоқаманд карда мешуд ва мисолҳои овардашуда таҳлил карда мешуданд;

4. Хулосаи ҳар як боб бо зерфасл ҷудо карда шудааст ва ин тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст;

5. Дар бобҳои диссертатсия мисолҳо аз як қатор асарҳои С. Айнӣ гирифта шудаанд, аммо асарҳои дигари устод Айнӣ сарфи назари муаллиф гаштааст. Хубтар мешуд, диссертатсия дар асоси як асари мушаххаси С. Айнӣ ба роҳ монда мешуд, чунки таҳияи як диссертатсияи номзадӣ дар асоси тамоми осори насрии С.Айнӣ имконнопазир аст;

6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои услубӣ, техникӣ ва имлоиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва дар корҳои минбаъда барои бартараф намудан тавсия дода мешаванд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос карда метавонад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -8 нафар, "зид" – нест, "бетараф" –нест.

«10» -уми майи 2024 Суратҷаласаи №10

Мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода номзади илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиб:** Сафарзода Руҳангези Акбар

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва Р.А. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

10.05.2024 с.